# КУМИТАИ РУШДИ МАҲАЛИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Мавзуъ: Таҷрибаи таъминоти иттилоотию кадрии раванди баҳодиҳии татбиқи барномаҳои минтақавӣ


Баромадкунанда: **Яҳёев Ф.А.** - сардори Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳали Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Фарогирии шаҳру ноҳияҳои кишвар бо барномаҳои рушд

**Инкишофи стратегии кишвар то соли 2030**

**Инкишофи соҳаҳо**

**Стратегияю барномаҳои соҳавӣ**

*Баъзе мисолҳо*

- Стратегияи рушди саноат барои давраи то соли 2030;

-Барномаи давлатии мақсадноки рушди комплекси нақлиёт то соли 2025;

-Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030

**Барномаҳои функсионалӣ**

*Баъзе мисолҳо*

- Барномаи дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ барои давраи то соли 2025
- Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025
- Стратегияи рушди низоми пардохт то соли 2025
- Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

**Инкишофи минтақаҳо**

**Барномаҳои рушди минтақаҳо**

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ш. Душанбе барои давраи то соли 2025

Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳои Суғд ва Хатлон ба солҳои 2021- 2025

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ ба солҳои 2021 - 2025

Барномаҳои миёнамуддати рушди шаҳру ноҳияҳои кишвар

# Накши Кумитаи рушди махал дар арзёбӣ ва мониторинг



Мутаассифона муҳлати пешниҳоди ҳисоботҳо оид ба рафти ичрои барномаҳои рушди ичтимоию иқтисодӣ аз ҷониби бархе аз мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо риоя наградида, чунин камбудию мушкилотҳо сади роҳ мебошанд:

- Фаъолияти ғайриқаноатбахши гуруҳҳои кории мониторниг ва арзёбӣ, барои ҷамъоварии маълумот ҷиҳати омода намудани ҳисоботи солона, яъне мавриди таҳлил ва арзёбӣ нагардидани рафти амалигардонии барномаи рушди ичтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, самаранокии фаъолияти сохторҳои ҳудудии вазорату идораҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда намешавад **(ҚҲЧТ аз 29 декабри соли 2018, №615 ).**

Омилҳое, ки боиси саривақт ва босифат омода нагардидани ҳисобот оид ба мониторинг ва арзёбӣ мегардад, инҳоянд:

- норасоии кадрҳои баландихтисос дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- ҷалб нагардидани мутахассисони ташкилоту идораҳои давлатӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ ба гузаронидани таҳлил ва таҳияи пешниҳоди ҳисобот оид ба амалишавии барнома;

- ба таври зарурӣ ба роҳ намондани назорати иҷрои босифати барнома ва корбарии ҷиддӣ бо онҳо аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва гуруҳҳои мониторинг ва арзёбӣ.

***ИҚТИБОС***

**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз «29» декабри соли 2018, № 615**
**тасдиқ шудааст**

# ҚОИДАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИШАВИИ ҲУҶҶАТҲОИ СТРАТЕГИИ САТҲИ МИЛЛӢ, БАРНОМАҲОИ СОҲАВӢ ВА МИНТАҚАВИИ РУШД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## §7. Мониторинг ва арзёбии барномаҳои рушди вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ

51. Мониторинг ва арзёбии барномаҳои рушди вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ тавассути баррасӣ ва таҳлил намудани индикаторҳои мухталиф, ки рушди минтақаро инъикос мекунанд, анҷом меёбад.

52. Вазифа ва нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар низоми мониторинг ва арзёбӣ инҳо мебошанд:

– ҷамъоварии маълумот оид ба амалишавии чорабиниҳои барномаҳои рушди вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳиявҳо, ки дар ҳудуди онҳо амалӣ мегарданд;

– таҳлили раванди амалишавии афзалиятҳои миллӣ ва самтҳои Стратегия, Барнома ва барномаҳои соҳавӣ дар минтақаҳо;

– пешниҳоди дархосту тавсияҳои мушаххас ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба вазорату идораҳои соҳавии дахлдор.

Аз омӯзиши ҳисоботҳо ҳолати ташвишовар вобаста ба дарачаи пасти ичроиши барномаҳои рушди ичтимоию иктисодии шаҳру ноҳияҳо аз рӯйи маблағгузорӣ дар соли 2022 ба назар расид, ки:

– дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон: Кулоб 11%, Балчувон 16,3%, Норак 19% ва Дустӣ 20,8%;
– дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд: Бустон 11,6% ва Мастчоҳ 17,9%;
– дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: Шаҳринав 9,3%, Ваҳдат 13,7%, Файзобод 15,3%, Лахш 17,7% ва Сангвор 19,4%;
– дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ: Рошткаъла 7,6% ташкил додааст.

## Масъалахои таъминоти иттилоотии раванди арзёбии ичрои Барномахои рушди иҷтимоию иқтисодии шахру нохияхо

### Мушкилотхои асосии раванди таъминоти иттилоотии раванди ичро ( дар сатхи махал) :

- Ҳамкории зич ва муколамаи мунтазам надоштани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо вазорату идораҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати ҷамъоварии маълумот;
- Ҷалб нагардидани ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мониторинг ва арзёбии Барнома;
- Сатҳи нокифояи саводнокии иттилоотии хизматчиёни давлатӣ
- Назорати иҷрои босифати барномаҳо ва корбарии ҷиддӣ набурдан аз ҷониби роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ
- Дақиқ муайян накардани афзалиятҳои барномаҳо аз нигоҳи иқтисодӣ

### Тавсияхо барои халли мушкилотхои асосии раванди таъминоти иттилоотии раванди ичро ( дар сатхи махал)

- Ҷоннок намудани фаъолияти гуруҳи кории мониторинг ва арзёбӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

# Масъалахои таъминоти кадрии раванди арзёбии ичрои Барномахои рушди иҷтимоию иқтисодии шахру нохияхо

## Мушкилотхои асосии раванди таъминоти кадрии раванди арзёбии ичро ( дар сатхи махал) :

- Норасоии кадрҳои ботаҷрибаи соҳибихтисос дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

## Тавсияхо барои халли мушкилотхои асосии раванди таъминоти кадрии раванди ичро ( дар сатхи махал)

- Интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос ва ҳамкории мутақобилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Ҳавасманд намудани кадрҳои ҷавон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ